«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_____________ Асрорзода У.С.
«___» ________ с.2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионии Оев Анис Давлатович ба бандҳои 5.4; 10.5; 10.12; 10.14 ва 10.16 Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, инчунин таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевосита аз тарафи муаллиф гузаронида шудаанд. Муҳаққиқ барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ дар шароити муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст овардааст ва дар ин самт мақолаҳои илмиро ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳангоми таълими фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Идоракунии хатари бонкӣ», «Амалиётҳои бонкӣ», «Таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ», «Таҳлил ва баҳодиҳии муассисаҳои қарзӣ», «Менеҷменти бонкӣ», «Қабули қарорҳои идоракунӣ», «Аудити бонкӣ», «Таҳлили молиявӣ» ва «Таҳлили ҳисоботи молиявӣ» истифода гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи кори диссертатсионии Оев Анис Давлатович таҳти унвони «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз мавзуъҳои мубрами соҳаи иқтисод ва молия дониста мешавад. Чунки низоми мукаммали идоракунии хавфҳои қарзӣ пешрафт ва рушди ташкилотҳои қарзиро таъмин намуда, ҷиҳати дастрасии муштариён ба воситаҳои қарзӣ мусоидат менамояд.

Қарздиҳӣ яке аз намудҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дониста шуда, қисми зиёди даромади онҳо аз ҳисоби амалиётҳои қарзӣ ташаккул меёбад. Аммо, зери таъсири хавфҳои қарзӣ бо эҳтимолияти зиёд коҳишёбии сатҳи даромаднокии амалиётҳои фаъол дар назар аст. Хавфи қарзӣ – ин хавфи рӯ ба рӯ шудани ташкилоти қарзӣ ба зарар мебошад, ки дар натиҷаи риоя нагардидани ухдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби карзгирандагон пайдо мегардад. Бо назардошти ҳолати мавҷуда зарурати идоракунии хавфҳои қарзӣ, ки вазифаи асосии ташкилоти қарзӣ мебошад, пеш меояд.

Нуқтаҳои зикршуда гувоҳи он аст, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидани ҷиҳатҳои мушаххаси хавфҳои қарзӣ ва коркарди нисбатан нокифояи асосҳои назариявии он муҳимияти таҳқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба миён меорад.

**Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар маҷалаҳои илмӣ, маҷмуаи маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ рӯйи чоп омадаанд. Аз ҷумла дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалии молиявӣ ва қарзӣ» (Душанбе, ДДМИТ, 2021); «Иқтисод, молия, баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар иқтисодиёти рақамӣ» (Душанбе, ДМТ, 2022); «Илм ва технология» (Қазоқистон, Алмаато, МИТС 2022); «Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (Душанбе, 2022); «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити индустриализатсия ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (Душанбе, ДМТ, 2023); «Вазъияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавируси COVID-19» (Кӯлоб, ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, 2021); «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: мушкилоти рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Душанбе, ДДМИТ, 2023) ва ғ. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2019-2022 дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва дар хориҷи кишвар ба табъ расидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар кори диссертатсионии муҳаққиқ Оев Анис Давлатович натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборат мебошанд:

- муаллиф дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва табиати иқтисодии хавф категорияи хавфро маънидод карда, номуайяниро ҳамчун асоси пайдоиши хавф дақиқ намудааст ва дар ин замина таърифи муаллифии хавф ва хавфи қарзиро дар фаҳмишҳои зерин пешниҳод кардааст: - хавф ин "номуайяниҳои фаъолиятро иҳотакунанда, ки натиҷаи он талафёбӣ, осебпазирӣ, хароҷоти иловагӣ ё ин, ки баръакс - дар ҳолати интихоби саҳеҳи алтернативӣ даромади иловагӣ ва фоидаи пешбинишуда мебошад"; - хавфи қарзӣ "ин эҳтимолияти ба таъхир афтидани уҳдадориҳои молиявии иҷрошаванда аз ҷониби қарзгиранда, зомин ва иштирокчиёни шартнома, мутобиқи шартҳои шартнома ё талафоти иқтисодӣ аз иҷро нагардидани уҳдадориҳои контрагент мебошад";

- муаллиф дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии хавфҳои қарзӣ алоқамандии онҳоро бо хавфҳои молиявӣ муайян кардааст, хавфҳои қарзӣ, омилҳои ба онҳо таъсиррасон, ки хусусиятҳои хоси шароити иқтисодии кишварро фаро мегиранд, инчунин низоми идоракунии хавфҳои қарзиро гурӯҳбандӣ карда аст;

- ба муҳаққиқ муяссар гаштааст, ки дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, ки доманаи васеи таҳлилии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии қарзгирандаро дарбар мегирад, методикаи хоси баҳодиҳии хавфҳои қарзиро дар асоси Базел II пешниҳод намояд ва сохтори низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзиро вобаста ба сатҳҳо таҳия кунад;

- зимни таҳлили ҳолати муосир ва устувории молиявии низоми бонкии кишвар муайян гардидааст, ки хавфи қарзӣ омили таъсиррасони сифати сандуқи қарзии низом буда, он ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ маҳсуб меёбад, ҷиҳати таъмини фаъолияти муътадили низоми бонкӣ тавсияҳои илмию амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки тибқи онҳо истифодаи воситаҳои мухталифи баэътидолории хавфҳои қарзӣ мубрам дониста мешавад;

- муаллиф ҷиҳати такмили заминаҳои меъёрӣ ва методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ асосҳои ниҳодии идоракунии хавфҳои қарзӣ ва услубҳои хоси таҳлили онҳоро коркард кардааст, ки онҳо дар шароити муосири низоми бонкии кишвар ҳамчун асос барои гузаронидани таҳлили хавфҳои қарзӣ имконияти истифодабарӣ доранд;

- бо мақсади таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ва баэътидолории қарзҳои батаъхирафтода дар асоси омори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки аз омилҳои таъсиррасони хавфҳои қарзӣ иборат мебошанд, тамсилаи регрессионӣ пешниҳод карда шудааст, ки тибқи он таъсири мусбии дурнамои

чараёни қарздиҳӣ ва воситаҳои самараноки раванди қарздиҳӣ дар баландбардории сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии** диссертатсия дар инкишофи дарки назариявии табиати иқтисодии хавф, хавфи қарзӣ, низоми баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ ва тавсияи роҳу усулҳои баэътидолории хавфҳои қарзӣ иборат аст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои таълимӣ дар ин самт, аз ҷумла фаъолияти бонкӣ, амалиётҳои бонкӣ, идоракунии хатари бонкӣ, таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили молиявӣ ва дар рушди ниҳодии низоми бонкӣ истифода шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои амалии он метавонанд ҷиҳати таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ мавриди истифода гарданд. Ҳамчунин истифодаи натиҷаҳои диссертатсия дар ҷараёни коркарди санадҳои меъёриву ҳуқуқии нав, ворид намудани тағйиротҳо ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунанда, дар фаъолияти ҷориву дурнамои Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ имконпазир мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тавре аз шиносоӣ ба муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқ мебошад. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Оев Анис Давлатович ба талаботи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267») тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддимаи таҳқиқот мубрамияти мавзуи диссертатсия ва дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок гардида, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шудааст, навгонии илмӣ ва унсурҳои таркибии он бо пайдарпайии мантиқии илмӣ оварда шуда, асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал-«Асосҳои назариявию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ» (саҳ.13-59) таҳаввулоти назариявии хавф ва табиати иқтисодии он омӯхта шуда, фаҳмиши хавфҳои қарзӣ, намудҳо, омилҳои таъсиррасону ташаккули низоми идоракунии онҳо баррасӣ гардидаанд ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккули низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ таҳқиқ карда шудааст.

Умуман, дар диссертатсия нуктаҳои муҳим ниҳоят зиёданд, аммо то қадри имкон баъзеи онҳоро қайд менамоем. Нуктаҳои ҷолиби боби аввал таснифоти аломатҳои хавф (расми 1.2, саҳ.21), низоми хавфҳо (расми 1.3, саҳ.23), таснифоти хавфҳои молиявӣ (расми 1.4, саҳ.24), хавфҳои қарзӣ (ҷадвали 1.3, саҳ.33-34), омилҳои хавфҳои қарзӣ (расми 1.5, саҳ.37), ба низом даровардани таҳаввулоти ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ (ҷадвали 1.4, саҳ.38), таҳияи сохтори низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзӣ дар сатҳҳои гуногун (ҷадвали 1.7, саҳ.52-53), таснифи устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар алоқамандӣ бо хавфҳои қарзӣ (расми 1.7, саҳ.56) диниста мешаванд.

Аз нигоҳи муаллиф хавф ин номуайяниҳои фаъолиятро иҳотакунанда диниста мешавад, ки натиҷаи он талафёбӣ, осебпазирӣ, хароҷоти иловагӣ ё ин ки баръакс, дар ҳолати интихоби саҳеҳи алтернативӣ даромади иловагӣ ва фоидаи пешбинишуда мебошад (саҳ. 20). Хавфи иқтисодӣ дар диссертатсия ба маҷмуи оқибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ахлоқӣ нисбат дода шудааст, ки асоси пайдоиши он номуайянӣ буда, ҳангоми қабули қарорҳои иқтисодӣ ба назар мерасанд (саҳ. 22). Таърифи муаллифии хавфи қарзӣ бошад, мазмуни зеринро дар бар мегирад: хавфи қарзӣ ин эҳтимолияти ба таъхир афтодани уҳдадориҳои молиявии иҷрошаванда аз ҷониби қарзгиранда, зомин ва иштирокчиёни шартнома, мутобиқи шартҳои шартнома ё талафоти иқтисодӣ аз иҷро нагардидани уҳдадориҳои контрагент мебошад (саҳ. 30).

Қобили зикр аст, ки фаҳмиши хавф дар диссертатсия аз нигоҳи иқтисодчиёни хориҷӣ, шуруъ аз намояндагони мактаби классикӣ то мавқеи илмии иқтисодчиёну коршиносони ватанию хориҷӣ ва муқарраротӣ қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Зеро муҳаққиқ қайд менамояд, ки самаранокии ташкили низоми идоракунии хавфҳо аз дарки дурусти мафҳуми хавф вобастагии зиёд дорад.

Дар диссертатсия шароиту ҳолатҳои пайдоиши хавфҳои қарзӣ муайян ва ошкор карда шудааст (саҳ. 29-30). Муаллиф ҳолатҳои зерин, аз қабили талафот бинобар ноустувор гардидани вазъи молиявии қарзгир ва надоштани хоҳиши пардохти қарз, фоидаи гумшуда, инчунин талафот вобаста ба таҷдиди сохтори қарз бо фоизи камтар, ки хароҷоти адои қарзи онро пӯшонида наметавонад, ҳамчун ҳолатҳои пайдоиши хавфҳои қарзӣ дар назар дорад.

Қайд карда мешавад (саҳ. 48), ки барои шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати идоракунии хавфҳои қарзӣ таҷрибаи Шветсия ва Олмон, ҳамчунин татбиқи талаботи мавҷудаи муосир ва пурзӯрнамоии нақши

танзимгарон мувофиқи мақсад мебошанд. Дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян ва ошкор карда шудааст, ки дар кишварҳои хориҷӣ фаъолияти назоратии танзимгарон дар соҳаи идоракунии хавфҳои бонкӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Масалан ин салоҳият дар Нидерландия, Италия ва Россия ба зиммаи бонки марказӣ, дар Британияи Кабир, Канада, Швейтсария ба уҳдаи мақоми махсуси назоратӣ аз бонки марказӣ ва дар Олмон, ИМА, Фаронса, Ҷопон ба зиммаи бонкҳои марказӣ якҷоя бо мақомоти давлатӣ вогузор карда шудааст.

Дар боби дуюм-«Таҳлил ва баҳодиҳии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.60-115) ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, нишондиҳандаҳои таҳлилию баҳодиҳии хавфҳои қарзии низоми бонкӣ тавсиф ва гуруҳбандӣ гардида, хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шудаанд.

Дар матни диссертатсия (ҷадвали 2.2., саҳ.62-63) динамикаи рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, тамоюли мусбии онҳо муайян ва ошкор гардидааст. Дар ин қисмати диссертатсия қайд карда мешавад, ки нишондиҳандаи меъёри миёнавазнии фоизҳои амонат да соли 2022 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 7 б.ф. афзуншавиро нишон медиҳад. Аз нигоҳи муҳаққиқ ҳолати мазкур шароити мусоидро дар ҷалби маблағҳо бозгӯй буда, паёмадҳои он метавонад дар коҳишдиҳии фоизҳои қарзҳои бонкҳо заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ҷиҳати муайян намудани мавқеъгирӣ дар бораи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар самти низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ба нишондиҳандаҳои қарзҳои таснифшудаи низоми бонкии кишварҳои ҷаҳон ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар шароити буҳронӣ ва муътадил таҳқиқ карда шудааст (диаграммаи 2.2., саҳ. 76). Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шудааст, ки ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар онҳо устувор мебошад, (бартарафкунии қарзҳои таснифшуда то як сол)-Шветсия, Ҷопон, Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Чин ва ИМА дохил мешаванд. Аз ҳисоби кишварҳои рӯ ба инкишоф, ки дар онҳо низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар сатҳи хуб қарор дорад (бартарафкунии қарзҳои таснифшуда як-ду сол)-Беларус, Узбекистон, Озарбойҷон ва Гурҷистон маҳсуб меёбанд.

Дар ҷадвали 2.10. (саҳ.90) сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи якчанд нишондиҳандаҳо арзёбӣ гардидааст. Дар натиҷа хулосабарорӣ карда шудааст, ки соли 2016 ҳиссаи қарзҳои беэътимод ба ҳадди ниҳоӣ расидааст, ки он 34,4% ё худ 3,3 млрд сомонии ҷамъи сандуқи қарзиро ташкил медиҳад. Бо муқоиса намудани

маълумоти ҷадвали мазкур ба маълумоти қисми 1.2-и ҷадвали 2.8. муайян карда шудааст, ки 91 37,9 млн сомонӣ маҳз дар соли 2016 ба ҳисоби қарзҳои таснифшуда гузаронида шудааст, ки он қарзи гурӯҳҳои 3-юм то 5-умро дар бар гирифтааст. Ҳамин тавр, ошкор карда шудааст, ки дар маҷмуъ 47,62% ва ё худ 4,6 млрд сомонии бақияи умумии сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар ба қарзҳои ғайрифаъол рост меояд.

Воқеан, тамоюли рушд ва коҳишёбии нишондиҳандаҳои соҳавӣ ва ё фаъолияти субъектҳоро дар муқоиса муайян намудан имконпазир мебошад. Ин равиш дар диссертатсия ба инобат гирифта шуда, дар ҷадвали 2.11 (саҳ.98-99) нишондиҳандаҳои молиявӣ ва дар ҷадвали 2.12 (саҳ.99-100) нишондиҳандаҳои таҳлилии КВД БА Амонатбонк, ҶСК Ориёнбонк ва ҶСК Бонки Эсхата ба низоми муайян дароварда шудааст. Аз таҳлилу омӯзиши нишондиҳандаҳои овардашуда низ хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ низ коркард шудаанд.

Боби сеюм-«Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.116-163) ба такмили асосҳои меъёрию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ бахшида шудааст. Моделҳои муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ, дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баланд бардоштани таъсири раванди қарздиҳӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд.

Муаллиф дар такя ба санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон меъёрҳои танзими низоми идоракунии хавфҳои қарзиро таҳия кардааст (ҷадвали 3.1., саҳ.118-119). Қайд карда мешавад, ки дар бахши бонкии кишвар самти институтсионалии идоракунии хавфҳои қарзӣ нисбатан ташаккул ёфтааст. Бахусус ҷиҳати баҳодиҳӣ ва идоранамоии хавфҳои қарзӣ Дастурамали №215 ва Дастурамали №247 аҳаммияти васеътар дошта, дар онҳо таснифоти қарз вобаста ба дараҷаи хавфи қарзӣ, ташкилнамоии фонд ва муайян кардани ҳиссаи ҷудонамоии маблағ вобаста ба таснифоти қарз, аз ҷумла низоми идоранамоии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ оварда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия (саҳ.123, расми 3.2.) тархи баҳодиҳии қобилияти қарзадокунии қарзгиранда таҳияи гардидааст. Муҳаққиқ дар асоси усули 5С унсурҳои таҳлили пардохтпазирии қарзгирандаро таҳия кардааст. Тибқи усули мазкур нуфузу эътибор, имкониятҳо, сармоя, шароит ва гарав унсурҳои таҳлилшаванда мебошанд.

Дигар дастовардҳои муҳими илмии таҳқиқот, ки дар боби сеюм ҷой дода шудаанд, таҳияи услубҳои ҳисоби индикаторҳои (маҳакҳои) хавфҳои қарзӣ (ҷадвали 3.4., саҳ. 125-126), нақшаи тасвирии матритсаи гузариш/кӯчиш (расми 3.3., саҳ.128), усули дарахти қабули қарорҳо оид ба баҳодиҳии хавфи

қарзгирандагон (расми 3.4., саҳ.129) мебошанд. Ҳамчунин баргузор намудани назарсанҷӣ оид ба методологияи баҳодиҳӣ, таҳлил ва идоракунии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамъбасту гурӯҳбандӣ, инчунин натиҷагирӣ намудани он ба муаллиф имконият додааст, то нуқтаи назари доираи васеи мутахассисони сатҳи амалия ва олимону иқтисодчиёнро омӯзад ва пешниҳоду хулосаҳои ҷолиб ба даст орад.

Муқоиса намудани хусусиятҳои моделҳои баҳодиҳии хавфи қарзӣ (ҷадвали 3,6., саҳ.136), таҳияи модели талафоти пешбинишуда мувофиқи СБҲМ 9 (расми 3.5., саҳ. 139), ошкор намудани афзалиятҳои СБҲМ 9 дар муқоиса бо СБҲМ 39 (расми 3.6., саҳ.140), таҳияи модели нави консептуалии талафоти пешбинишаванда аз рӯйи қарз (расми 3.7., саҳ. 141), гузаронидани таҳлили регрессионӣ ва дар асоси он муайян намудани тамоюли сандуқи қарзӣ ва дурнамои он (саҳ.144-145) натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳоди роҳҳои самаранок гардонидани стратегия ва сиёсати идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ (ҷадвали 3.11, саҳ.153-154), таҳияи роҳҳои коҳишдиҳии хавфҳои қарзӣ аз натиҷаи назарсанҷӣ (саҳ.156-157), коркарди марҳилаҳои раванди қарздиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ (расми 3.8., саҳ.158) саҳми илмии муҳаққиқ оид ба таҳияи дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баландбардории самараи ҷараёни қарздиҳии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Дар қисмати хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ҷой дода шудаанд.

**Баҳои автореферати рисолаи илмӣ.** Автореферати диссертатсия таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушаххасоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявию методологии такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан дуруст ва мукаммал дошта, натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ-амалӣ доранд ва ҷиҳати такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Эроду тавсияҳо, арзёбии моҳият ва сатҳи мукаммалии диссертатсия.** Ба андешаи мо, диссертатсияи тақризшаванда дар баробари фаро гирифтани ҷиҳатҳои мусбӣ, дорои норасоиҳои зерин мебошад:

1.Муаллиф дар ҷадвали 1.1. (саҳ.16-17) назарияи таълимоти хавфро овардааст, ки нуқтаи назари намояндагони классикҳо, неоклассикҳо, назарияи гибридӣ, нейроиқтисодӣ ва назарияи муосирро дар бар мегирад.

Аммо, мутасссифона, мавкеи илмии иқтисодчиёни ватанӣ дар ин самт дида намешавад.

2.Зербоби “1.2. Хавфҳои қарзӣ: фаҳмиш, намудҳо, омилҳои таъсиррасон ва ташаккули низоми идоракунии онҳо” унвон гирифта аст. Лекин, барои боз ҳам беҳтар намудани сифати кори диссертатсионӣ хуб мешуд агар муаллиф ташаккули низоми идоракунии хавфҳои қарзиро нисбатан васеътар таҳқиқ мекард.

3.Дар зербоби 1.3 муаллиф таҷрибаи васеи хориҷиро оид ба низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ омӯхта, таҷрибаи як қатор кишварҳоро барои низоми бонкии ватанӣ имконпазир арзёбӣ кардааст. Аммо, аз нигоҳи мо, тартиби роҳандозии таҷрибаи хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диссертатсия то андозае норавшан аст.

4.Дар ҷадвали 2.3.(саҳ.68-69)-нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, ки маълумоти қаноатбахши омориро дар бар мегиранд. Лекин аз чӣ сабаб бошад, ки муаллиф динамикаи нишондиҳандаҳои мазкурро дар сатҳи зарурӣ таҳлил накардааст.

5.Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар муҳаққиқ баъди таҳлилу арзёбии маълумоти омории ҷадвалу диаграммаҳои диссертатсия ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ошкоргардида ду ва ё зиёда хулосаю пешниҳодҳои муаллифиро таҳия мекард.

6.Зербоби “3.3. Таҳияи дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баландбардории самараи чараёни қарздиҳии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” номгузорӣ шудааст. Аммо матни ин қисмати диссертатсия унсурҳои мушаххаси дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баландбардории самараи ҷараёни қарздиҳиро дар сатҳи зарурӣ фаро нагирифтааст.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомдодашуда ва ба пуррагӣ иҷрошуда ҳисобида мешавад, чунки он навгониҳои мушаххаси илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Кори диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молия ва андозбандӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №8/А, аз 18.03.2024). Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 13 нафар, зид, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири
кафедраи молия ва андозбандии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Алишоев Х.Ҳ.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия ва андозбандии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Исломова З.С.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия ва андозбандии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Хидиралиев Р.З.

Имзоҳои н.и.и., дотсент Алишоев Х.Ҳ.
Исломова З.С ва Хидиралиев Р.З.-ро
тасдиқ менамоям, сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:**
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, х.Борбад, 48/5
Тел: 992 (37) 234-88-02
E-mail: info@iutet.tj

Сомона: www. iutet.tj